Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз___________ №_____
тасдиқ карда шудааст

**Низмономаи**
**намунавӣ оид ба идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳия карда шудааст.

Низомномаи мазкур фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ғайридавлатиро, ба танзим медарорад. Дар асоси Низомномаи мазкур Оиномаи муассисаро таҳия карда шуда, тибқи қонунгӯзорӣ ба расмият даровварда мешавад.

2. Муассисаи таълимиитаҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбииғайридавлатӣ (минбаъд муассиса) фаъолияти худро тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, Низомномаи мазкур ва Оинномаи худба роҳ мемонад.

3. Муассиса ҳамчун қисми таркибии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари муассисаҳои таълимии давлатӣ салоҳият дошта, дар амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таълим, сарфи назар аз аслу насаб, ҷинс, забон, миллат, муносибати нажодию миллӣ, вазъи иҷтимоию махсусиятҳои касбу кор, мазҳаб ва муносибатҳои динӣ, ҳуқуқҳои шахс вобаста ба шаклу намуди интихобнамудаи қобилияту истеъдод, лаёқатмандӣ, ҳифзи саломатӣ, сифатнок аз худ намудани барномаҳои таълимӣ, ки бо меъёрҳои стандарти давлатии таҳсилот ё стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошад, масъулият дорад.

4. Дар муассиса ташкилу созмондиҳии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракат ва ташкилотҳои динӣ иҷозат дода намешавад.

5. Таҳсил дар доираҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тибқи стандартҳои ягонаи давлатии таҳсилот ва стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад.

## 2.Ташкил ва мақсаду мароми фаъолияти муассисаи таълимии ғайридавлатӣ

6. Муассиса бо ташаббуси муассис (муассисон) таъсис дода мешавад.

7. Муассисаи таълими ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимиро ва имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи иҷозатнома гирифтанаш пайдо мекунад.

8. Мақсаду мароми фаъолияти муассисаи таълимӣ иборатанд аз:

-қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи ба даст овардани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

-рушди касбу ҳунар ваистифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон;

-ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа;

-таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ таълимгирандагон;

-таъмин намудани хоҷагии халқи мамлакат бо мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

## 3.Ташкили ҷараёни таълиму тарбия

9.Ҷараёни таълим дар муассиса дар асоси нақшаи таълимии аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданаш бо назардошти хусусиятҳои муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ таҳия карда шуда, сурат мегирад.

10.Муассиса низоми баҳогузорӣ, шакл, тартиб ва санҷишҳои фосилавӣ ва тамоми ҷараёни таълимро тибқи санадҳои меъёрии амалкунандаи соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳ мемонад.

-шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаи асосии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба итмом нарасонидаанд, вале аз аттестатсияи мобайнӣ бомуваффакият гузаштаанд (на кам аз ду соли таҳсил) ба онҳо ҳуҷҷат (гувоҳнома) дар бораи таҳсилот ё варақаи академӣдода мешавад.

- шахсоне, ки омӯзиши барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти ибтидоӣ касбиро ба итмом нарасонидаанд, ҳуҷҷати академии намунаи муқарраршуда дода намешавад.

12.Дар муассиса иҷрои тамоми консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, қароруфармоишҳои Вазорати маорифи таъмин карда мешавад.

## 4.Ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия

13.Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии мазкур таълимгирандагон, омӯзгорону кормандон, падару модарон, муассисон, шаҳрвандони алоҳида, ки дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ иштирок мекунанд, мебошанд.

14.Тартиби қабули донишҷӯён ва кормандони муассисаро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассис (муассисон) муайян мекунад ва дар Оинномаи муқаррар менамояд.

15.Таълимгирандаҳуқуқ доранд:

-мувофиқи меъёри пардохти маблағ аз рӯи стандартҳои фаннӣ дониш талаб намоянд;

-дар ташаккули мазмуни таҳсилоти худ ҳангоми риояи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ иштирок намоянд;

-дар муассисаи таълимӣ аз, китобхона лабораторияҳо ва хазинаи иттилоот, хизматгузории ҷузъҳои таълимӣ ва монанди инҳо тибқи тартиботи муқарраркардаи Оинномаи муассиса ройгон истифода баранд;

-аз болои фармон ва амрҳои нодурусти муассиса тибқи тартиботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд.

16.Таълимгирандаимуассисаи таълимӣӯҳдадоранд, ки донишҳои назариявӣ, маҳоратҳои амалӣ ва усулҳои тадқиқотии муосирро аз рӯи ихтисос интихоб карда, аз худ намоянд, сари вақт тамоми супоришҳоро аз рӯи нақша ва барномаи таълимӣ иҷро намоянд, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, маънавиро эҳтиром намоянд, Оинномаи муассиса, қоидаҳои зист ва дигар талаботро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, риоя намоянд.

17.Ба кори омӯзгорӣ шахсоне қабул карда мешаванд, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ буда, ҳуҷҷати расмии ба соҳа мувофиқ ва тасдиқгардида дошта бошанд.

18.Муносибати корманд бо муассиса дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба низом даровarda мешавад (шартҳои он дар қарордод нишон дода мешаванд).

19.Корманди муассиса ба талаботи квалификатсионии (таснифот) муассисаи мазкур бояд мувофиқ бошад ва вазифадор аст, ки талаботи Низомномаи мазкур ва шартномаи дутарафаи байни волидайн (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд) ва муассисро иҷро намояд.

20.Кормандондар муҳокима ва ҳаллу фасли масъалаҳои бо фаъолияти муассиса алоқаманд ширкат намоянд;

-аз фондҳои иттилоотӣ ва дигар воситаҳои техникии барои раванди таълим вобаста мувофиқи Оинннома ва (ё) шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;

-тарзу усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд.

-барои такмили ихтисоси худ пайваста ҷиддуҷаҳд намоянд;

-ба рухсатии меҳнатӣ (давомноки пардохтшаванда) бароянд;

-аз дигар имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар намудааст, истифода намоянд.

21.Кормандону омӯзгорони муассиса ӯҳдадоранд, ки самараи баланди раванди кори омӯзгориро таъмин намуда, талаботи Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро риоя намоянд, ҳангоми баҳогузорӣ ба дониши донишҷӯён воқеъбинона рафтор кунанд, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавиро эҳтиром намоянд, шарт ва шароити азхудкунӣ ва иҷрои барномаҳои таълимиро дар рӯҳияи меъёрҳои ахлоқии умумибашарият амалӣ намоянд.

22.Ҳуқуқ, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои иловагии кормандонро муассис дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муайян карда, дар Оинномаи муассиса ворид менамояд.

23.Ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модарон (шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд), дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муайян карда мешаванд.

## 5.Идоракунии муассиса

24.Муассиса мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ идора карда мешавад.

25.Мақоми олии идоракунии муассиса-маҷлиси умумии муассисон мебошад.

26.Маҷлиси умумии муассисон аз ҳисоби муассисони муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ва омӯзгорону роҳбарияти он таъсис меёбад.

27.Маҷлиси умумии муассисон дар се моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Дар сурати зарурат метавонад маҷлиси ғайринавбатӣ даъват намояд.

28.Маҷлиси умумии муассисон:

-самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқӣ, молиявӣ ва хоҷагии муассисаро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

-нақшаи молиявӣ ва дигар нақшаҳо, ҳисобот ва ғайраро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

-ба Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассиса тағйиру иловаҳо ворид менамояд.

-роҳбари муассисаро таъин ва аз вазифа озод менамояд;

-ҳисоботи роҳбари муассисаро дар бораи натиҷаи фаъолияти кории муассиса на камтар аз як бор дар як сол баррасӣ мекунад;

-тартиби самтҳои асосии сиёсати сармоягузории муассисаро муайян мекунад;

-ба таълимгирандагон (хусусан ятимони кулл, ятимон, бепарасторон, маҷрӯҳони гурӯҳи 1 ва 2 ва дигар шахсоне, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо имтиёз пешбинӣ шудааст, имтиёз муайян менамояд.

-таъсис, аз навташкилдиҳӣ, барҳамдиҳии муассиса таъин ва бозхонди роҳбарони онҳоро амалӣ менамояд;

29.Дар асоси қарори маҷлиси умумии муассисон дигар салоҳиятҳо метавонад ба зимаи он гузошта шавад.

30.Роҳбар: (Директор)

31.Роҳбар дар маҷлиси умумии муассисон интихоб мешавад ва ба маҷлиси умумии муассисон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 6.Низоми ҳуқуқии муассиса

32.Муассиса шахси ҳуқуқӣ буда, соҳиби суратҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва штампи бо номи худ, нишона ва дигар атрибутҳо, дорои фонди марказонидашуда ва захиравӣ мебошанд ва ҳуқуқи баромад карданро аз номи муаасисаи таълимӣ дар судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорад.

33.Муассисаи таълимӣ вазъи ҳуқуқиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи ба қайдгирии давлатӣ ба даст меорад.

34.Муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад:

-аз номи худ аҳдҳо бандад, ҳуқуқи амволӣ ва ғайриамволии шахсиро ба даст дарорад ва ӯҳдадориҳое, ки бо фаъолияти он алоқаманд аст, бар дӯш гирад, дар мақомоти судӣ чун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

-аҳдҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиро бандад ва бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бандад, инчунин байни онҳо тибқи Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳар гуна барномаҳо тартиб диҳад:

-кормандонро дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод) мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул намояд:

-шаклу ҳаҷми музди меҳнат ва дигар намудҳои фоидаҳои кормандонро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намояд;

-бо дигар шахсони ҳуқуқӣ барои фаъолияти таълимӣ шартнома бандад;

-шаклҳои нави таҳсил ва қабули санҷишу имтиҳонҳоро ба роҳ монад;

-таҷҳизот, инвентар ва дигар моликият дар ихтиёри худ дошта бошад;

-дигар корҳоеро ба анҷом расонад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накарда бошад.

## 7.Фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ ва хориҷии муасссиса

35.Фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ ва хориҷии муассисаи таълимӣ дар мувофиқа бо муассис (муассисон) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

36.Муассисаи таълимӣ метавонад дар бонкҳо ва дигар ташкилоти қарздиҳанда (кредитӣ) суратҳисоби асъор таъсис диҳад.

37.Муассиса барои баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ, ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ ҷорӣ намуда, ба фаъолияти он ҷавобгар аст.

38.Тартиби ҳисоботи муҳосибавӣ ва оморӣ тибқи қонунгузории мавҷуда ба низом дароварда мешавад.

39.Манбаи асосии ташкилёбии захираҳои молиявии муассисаи таълимӣ пардохти маблағи таҳсили таълимгирандагон, даромадҳо аз ҳисоби иҷро намудани дигар фаъолиятҳо ва дигар даромадҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба ҳисоб меравurbанд.

40.Муассисаи таълимӣ баҳисобгирии натиҷаи фаъолияти худро амалӣ мекунад, ҳисоботи муҳосибавию омориро бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

41.Муассисаи таълимӣ барои назорати фаъолияти молиявӣ ва хоҷагӣ метавонад дар ҳайати шахсони масъул аз ҳисоби кормандон комиссия таъсис диҳад. Тартиби фаъолияти комиссияи мазкурро муассиса таҳия ва бо қарори муассис (муассисон) тасдиқ менамояд.

42.Амволи муассисаи таълимӣ аз фондҳои асосӣ, воситаҳои гардишӣ, инчунин арзишҳое, ки баҳои онҳо дар баланси мустақили муассиса дарҷ ёфтаанд, ташкил меёбад.

## 8.Таъсис ва барҳамдиҳии муассиса

43.Таъсис, аз навташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ғайридавлатӣ дар асоси қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда амалӣ карда мешаван.

44. Муассиси муассисаи таълимӣ тибқи қарори Шӯрои директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ғайридавлатӣ метавонад фаъолияти таълимиашро қатъ карда метавонад.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

734024, ш. Душанбе, 24, , кӯчаи Нисормуҳаммад, 13-а
тел.: 227-45-35, 227-43-74 факс: 227-43-74;. rauosat @ mail. ru

______________________ №________

Ба Вазири маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Саидов Н.С.

Муҳтарам Нуриддин Саидович,

Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Низмономаи намунавӣ оид ба идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Шумо пешниҳод намуда, дастур мепурсад.

Замима: Низомнома дар ҳаҷми 6 саҳифа.

Бо эҳтиром,
сардори Раёсат А. Мирзоев

Тартиби назоратифаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ки барои

1. Тартиби назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бахшида шудаанд, таъсис дода шудааст.

2. Санади мазкур фаъолияти муассисаҳои ғайридавлатие, ки барои тайёр ва бозомӯзии (баланд бардоштани савияи касбии) шаҳрвандони бекасб ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро, ки барномаҳои асосии таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро аз худ кардаанд, муайян менамояд.

Тартиби мазкур дар тамоми муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимӣ ва касбии таҳсилоти ибтидоии касбиро дар асоси стандартҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ амалӣ менамоянд, амалӣ карда мешавад.

3. Ҳуқуқи муассисаи таълимӣ барои пешбурди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, ки оинномаи он пешбинӣ намудааст, аз рӯзи бақайдгирии давлатии ин муассиса мавриди амал қарор дода мешавад.

4. Ба муассисаи таълимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома дода мешавад.

5. Муассисаи таълимӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома доир ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқи фаъолият кардан ва истифода бурдани имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маорифро пайдо менамояд.

6. Банақшагирии назорати фаъолияти муассисаи таълимӣ ба тариқи нақшаи солонаи кории мақомоти давлатии идораи маориф амалӣ карда мешавад. Ҳангоми банақшагирӣ вазифаҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ гузошта шудаанд, натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ таи соли таҳсили гузашта, қарорҳои ҷаласаҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои назоратии назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати бозрасии давлатии автомобили Вазорати корҳои дохилӣ ва …… ба инобат гирифта мешаванд.

7. Барои гузаронидани санҷиш комиссия таъсис дода шуда, ба ҳайати он кормандони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорат дар соҳаи маориф ва Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда мешаванд.

8. Ҳангоми банақшагирии назоратии фаъолияти муассисаи таълимӣ ба инобат гирифтани нуктаҳои зайл зарур аст:

- системаи санҷиши ҳаматарафаи ҷараёни таълиму тарбия бо назардошти таваҷҷӯҳи хоса ба сифати гузаронидани дарсҳо, ташкили корҳои беруназдарсӣ бо хонандагон ва касбомӯзон, сатҳи дониш, малакаву

маҳорат, ҳолати интизоми онҳо, коллективҳои меҳнатии корхонаҳои базавӣ;
- заминаи моддӣ – техникии ба барномаҳои таълими мувофиқ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани савияи касбии касбомӯзон, ронандагони воситаҳои нақлиётӣ (мавҷудияти синфхонаҳои таълимӣ, ҷиҳозонида шудани онҳо бо асбобу таҷҳизоти муосир ва овезаҳои таълимӣ, пойгоҳи мошинронии автоматонидашуда (ё истифодаи он тоариқи шартнома) барои гузаронидани дарсҳои амалӣ, воситаҳои нақлиёти таълимӣ) мутобиқатии маълумоти коргарон, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ;

-мунтазам фаро гирифтани тамоми шӯъбаҳо, филиалҳо, гурӯҳҳои таълимии муассисаи таълимӣ, устохонаҳои таълимии истеҳсолӣ;

- санҷиши иҷрои пешниҳод дар асоси натиҷаҳои санҷишҳои қаблӣ, қарорҳое, ки дар асоси натиҷаҳои назорат қабул гардидаанд;

-тақсимоти қитъаҳои назоратӣ байни роҳбарони муассисаи таълимӣ мутобиқ ба «Дастурамали вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва вазифаҳои мансабии онҳо, ихтисос ва таҷрибаи амалӣ тадбирҳо аз рӯи натиҷаи назорат;